Маълумотнома
ба ҳолати 01.10.2018с. дар доираи лоиҳаҳои
давлатии сармоягузории соҳаи нақлиёт

Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар заминаи сиёсати ояндабинонаву бунёдкорона ва ҳидояту сарпарастии ҳамарӯзаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати татбиқ намудани яке аз ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат, яъне раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба роҳ мондааст.

Чуноне ки маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзо ва иштирокчии комилҳуқуқи як қатор созишномаҳо ва конвенсияҳои байналмилалӣ дар соҳаи нақлиёт мебошад, ки беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори нақлиётиро тақозо менамоянд.

Дар робита ба ин, ҷиҳати беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори нақлиётии кишвар, имрӯзҳо ҳамкориҳо бо кишварҳо-донорҳо ба монанди ҳукуматҳои Ҷопон, Хитой, ИМА, Фаронса, Эрон, шарикони рушд ба монанди Бонки Осиёгии Рушд, Бонки Умумиҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Бонки Исломии Рушд, Фонди Қувейтии Рушди Иқтисодии Араб, Фонди Рушди Саудӣ, Фонди Абу Дабӣ оид ба рушд, Фонди ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ, Фонди Оғохон ва Бонки Осиёгии Сармоягузории Инфрасохторӣ дар фазои хуби ҳамдигарфаҳмӣ ва дустона ба роҳ монда шудааст.

Дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳиссагузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сармоягузории шарикони рушд дар соҳаи нақлиёти кишвар 44 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии беш аз 1,4 миллиард доллари ИМА татбиқ гардидаанд.

Дар натиҷа:

**- беш аз 2000 км роҳҳои автомобилгард**
*(ба монанди роҳи автомобилгарди Мурғоб-Кулма, Шоҳон-Зиғар, Шкев–Зиғар, Душанбе-Бохтар-Данғара-Кӯлоб, Душанбе-сарҳади Қирғизистон, Душанбе-Чаноқ-сарҳади Узбекистон, Бохтар-Дӯстӣ-Панҷи Поён, Душанбе-Ваҳдат-Данғара-Кӯлоб, Душанбе-Турсунзода-сарҳади Узбекистон, Айнӣ-Панҷакент-сарҳади Узбекистон)*

**- 31 км нақб**
*(ба монанди нақбҳои «Истиқлол», «Озодӣ», «Шаҳристон», «Дӯстӣ», «Хатлон»)*

**- беш аз 240 адад пул**
*(ба монанди пул аз болои дарёи Сурхоб дар деҳаи Янғолиқ, пул аз болои дарёи Панҷ дар мавзеи Панҷи Поён, аз ҷумла 6 адад пули аҳамияти байналмилалӣ дошта аз болои дарёи Панҷ дар мавзеъҳои Тем, Рузвай, Ишкошим, Панҷи Поён, Ванҷ)*

**- 3,4 км**
*(галереяҳои зиддитармавӣ дар ҳамшафатии роҳи автомобилгарди Душанбе-Чаноқ-сарҳади Узбекистон)*

**- 214 км** роҳҳои оҳан
*(ба монанди роҳи оҳани Бохтар-Кӯлоб (132км), фосилаи роҳи оҳани Вахш-Ёвон (10км), роҳи оҳани истгоҳи Истиқлол (7км), фосилаи роҳи оҳани Саргазон-Данғара (10км), роҳҳои истгоҳҳии истгоҳҳои Сангтӯда, Данғара, Олимтой, Меҳробод (Қурбоншаҳид), Кӯлоб (14,2км), роҳи оҳани Душанбе-Бохтар-Кӯлоб аз тариқи қитъаи Ваҳдат-Ёвон (40,8км))*

**сохта мавриди истифода қарор дода шуданд.**

Бояд қайд намуд, ки айни ҳол дар соҳа **12 лоиҳаи сармоягузорӣ** ба маблағи умумилоиҳавии **638 млн. 771,0 ҳазор доллари ИМА** вуҷуд дорад.

Аз **12 лоиҳа**, <u>8 лоиҳа</u> ба таҷдиду сохтмони роҳҳо, <u>3 лоиҳа</u> ба харидории техникаи нигоҳдории роҳҳо ва рушди иқтидорнокии мутахассисон ва <u>1 лоиҳа</u> ба бахши роҳи оҳан рост меоянд.

**Имрӯзҳо, лоиҳаҳои**

- "Сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб-Қалъаихумб, қитъаи Шӯрообод-Шоҳон",
- "Рушди коридорҳои 3 ва 5 Ҳамкории Иқтисодӣ-Минтақавии Осиёи Марказӣ (*таҷдиди роҳи автомобилгарди Восеъ-Ховалинг ва асфалтхобонии қабати дуюми қитъаи роҳи автомобилгарди Сайрон-Қарамиқ*)",
- "Сохтмони пулҳо ва нақбҳо дар роҳи оҳани Душанбе-Бохтар-Кӯлоб, қитъаи Ваҳдат-Ёвон"
- "Барқарорсозии қитъаи 347 км роҳи автомобилгарди Душанбе-Кулма, мавзеи Ширговади ноҳияи Дарвоз, ки дар натиҷаи офати табиӣ зарар дидааст" **дар марҳилаи кафолатӣ ва қабул аз ҷониби комиссияҳои давлатӣ қарор доранд.**

Дар арафаи ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаҳои "Таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе-сарҳади Узбекистон, сохтмони чорроҳа дар се сатҳ дар шаҳраки 82" ва "Таҷдиди роҳи автомобилгарди Хуҷанд-Исфара" ба истифода дода шуданд.

22 октябри соли 2018 бо иштироки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи лоиҳаи "Харидории техника ва таҷҳизот барои нигоҳдории роҳҳо дар вилояти Суғд ва минтақаи Кӯлоби

вилояти Хатлон” 117 адад техника ва таҷҳизот ба МДНРА-ҳои вилояти Суғд супорида шуданд.

**Ҳамзамон, корҳои лоиҳавӣ дар доираи лоиҳаҳои**

- “Таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе-Қӯрғонтеппа, марҳилаи 1”,
- “Таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе-Қӯрғонтеппа, марҳилаи 2”,
- “Таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе-сарҳади Узбекистон, қитъаи роҳ аз пайкараи А.Сино то дарвозаи ғарбии ш.Душанбе (чорроҳаҳо дар ду ва се сатҳ, таҷдиди 4,6 км роҳ)”,
- “Таҷдиди роҳи автомобилгарди Кангурт-Балҷувон-Ховалинг” аз ҳисоби сарфаи маблағҳои грантии лоиҳаи *“Рушди коридорҳои 3 ва 5 Ҳамкории Иқтисодӣ-Минтақавии Осиёи Марказӣ* (*таҷдиди роҳи автомобилгарди Восеъ-Ховалинг ва асфалтхобонии қабати дуюми қитъаи роҳи автомобилгарди Сайрон-Қарамиқ*)”,
- “Рушди нигоҳдории роҳҳои автомобилгард (харидории техника ва таҷҳизот)”,
- “Рушди иқтидорнокӣ ҷиҳати идоракунии пешгирии офатҳои табиӣ дар роҳҳои автомобилгард” **идома меёбанд.**

Дар доираи лоиҳаи **“Мустаҳкам намудани инфрасохтори муҳим ҷиҳати таъмини устуворӣ зидди хатарҳои табиӣ,** ки сохтмони 18 пул дар ВМКБ-ро дарбар мегирад, расмиёти мувофиқасозии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва озмунӣ бо Бонки Умумиҷаҳонӣ барои интихоби машваратчӣ ва пудратчӣ идома доранд.

Дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, айни ҳол **1115 нафар** мутахассисону коргарони ватанию хориҷӣ фаъолият мекунанд, ки **78%**-и онҳоро (**868 нафар**) шаҳрвандони Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Ҳамзамон, ба маблағи умумии беш аз **7 миллиард доллари ИМА** лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ мавҷуд мебошанд ва Вазорати нақлиёт дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор тамоми имкониятҳои муносибро ҷиҳати ҷалби сармоягузорони хориҷию ватанӣ бо мақсади татбиқи амалии лоиҳаҳои мазкур андешида истодааст.

Дар нимсолаи аввали соли 2018 як қатор лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои ҷалби сармоя ба шарикони рушд тариқи вазорату идораҳои ҷумҳурӣ ва бевосита ба худи шарикони рушд пешниҳод шудаанд:

- Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо ва молия (тавассути Вазорати нақлиёт) - **3 лоиҳа**,
- Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ (тавассути Вазорати нақлиёт) - **6 лоиҳа**,
- Ҷумҳурии Қазоқистон (тавассути Вазорати рушди иқтисод ва савдо) - **14 лоиҳа**,
- Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой (тавассути Вазорати корҳои хориҷӣ) - **17 лоиҳа**,
- Салтанати Умон (тавассути Вазорати корҳои хориҷӣ) - **18 лоиҳа**,
- Котиботи Форуми ҳамкории Корея (тавассути Вазорати корҳои хориҷӣ) - **7 лоиҳа**,
- Фонди Қувейтии Рушди Иқтисодии Араб (тавассути Вазорати молия) - **5 лоиҳа**,
- Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (тавассути Вазорати нақлиёт) - **11 лоиҳа.**

**Корбарӣ бо**

- Бонки Осиёгии Рушд ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ҷиҳати маблағгузории лоиҳаи “Таҷдиди роҳи автомобилгарди Ваҳдат-Рашт-Лахш-сар.Қирғизистон, км 72-158”,

- Бонки Осиёгии Рушд барои маблағгузории лоиҳаи “Таҷдиди роҳи автомобилгарди Қӯрғонтеппа-Данғара-Гулистон (ноҳияи Восеъ)”,

- Бонки Умумиҷаҳонӣ оид ба маблағгузории **лоиҳаи нави сармоягузорӣ “Рушди Роҳҳои Алоқа дар Осиёи Марказӣ-РАОМ-4”** (таҷдиди роҳи Гулистон-Кӯлоб, сохтмони пул аз болои дарёи Ғунд дар шаҳри Хоруғ, барқарорсозии қитъаи роҳ дар мавзеи Барсем (КМ 636-639), барқарорсозии қитъаҳои роҳ аз мавзеи Барсем то ноҳияи Мурғоб, харидории техника ва таҷҳизот барои нигоҳдории роҳҳо дар ВМКБ, беҳтар намудани инфрасохтори фурудгоҳҳои Душанбе, Кӯлоб ва Хоруғ, инчунин мусоидати институтсионалӣ ба бахши авиатсияи гражданӣ ва соҳаи сайёҳӣ) ва лоиҳаи “Рушди Роҳҳои Алоқа дар Осиёи Марказӣ-РАОМ-2” (қитъаҳои боқимондаи таҷдиди роҳи автомобилгарди Хуҷанд-Исфара),

- Агентии ҳамкориҳои байналмилалии Япония “JICA” доир ба таҳия ва маблағгузории лоиҳаи “Хариди техника ва таҷҳизоти барфтозакунӣ”, лоиҳаи “Хариди таҷҳизот барои таъмири техника ва таҷҳизотҳои нигоҳдории роҳҳо” ва корҳои тадқиқотӣ-омӯзишии қитъаи роҳ аз мавзеи Қизилқалъа ба самти шаҳри Бохтар,

- Фонди тоҷикистонии Оғохон дар хусуси сохтмони пул аз болои дарёи Панҷ дар мавзеи Кокули ноҳияи Фархори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ойхонуми вилояти Тахори Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо таъмиру таҷдиди 18 км роҳи ба пул баранда рафта истодааст.